# علو ذات الله ﷻ

# على خلقه

# Улув ва баландии зоти Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳу бар халқаш

**Саволи 32: Мазҳаби гузаштагон (салаф) дар улув (баландии) Аллоҳ таъоло чист? Ва ҳукми касе ки мегӯяд: Аллоҳ аз ҷиҳатҳои шашгона холӣ аст ва дар қалби бандаи мӯъмин мебошад, чист?**

**Ҷавоб**:

Мазҳаби салаф (гузаштагон), ризои Аллоҳ бар онон бод, ин аст ки Аллоҳ таъоло ба зоташ бар болои бандагонаш аст ва ба ростӣ Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿فَإِن تَنَٰزَعۡتُمۡ فِي شَيۡءٖ فَرُدُّوهُ إِلَى ٱللَّهِ وَٱلرَّسُولِ إِن كُنتُمۡ تُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۚ ذَٰلِكَ خَيۡرٞ وَأَحۡسَنُ تَأۡوِيلًا ٥٩﴾
النساء: ٥٩

"**Ва агар дар чизе ихтилоф кардед, онро ба Аллоҳ ва Паёмбар бозгардонед, агар ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон доред, ин беҳтар ва оқибати нектар аст**". (Сураи Нисо, ояти: 59).

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿وَمَا ٱخۡتَلَفۡتُمۡ فِيهِ مِن شَيۡءٖ فَحُكۡمُهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ﴾ الشورى: ١٠

"**Ва дар ҳар он чизе ки ихтилоф кунед, пас ҳукми он ба сӯи Аллоҳ бармегардад**". (Сураи Шуро, ояти: 10).

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿إِنَّمَا كَانَ قَوۡلَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ إِذَا دُعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ لِيَحۡكُمَ بَيۡنَهُمۡ أَن يَقُولُواْ سَمِعۡنَا وَأَطَعۡنَاۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ٥١
وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَيَخۡشَ ٱللَّهَ وَيَتَّقۡهِ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَآئِزُونَ ٥٢﴾ النور: ٥١ - ٥٢

"**Сухани мӯъминон ҳангоме ки ба сӯи Аллоҳ ва паём-бараш даъват шаванд, то миёни онҳо доварӣ кунад, фақат ин аст ки мегӯянд: Шунидем ва итоат кардем ва инҳо растагоранд. Ва касе ки Аллоҳ ва Паёмбарашро итоат кунад ва аз Аллоҳ битарсад ва аз мухолифати фармони Ӯ парҳез кунад, пас инҳо комёб ҳастанд**". (Сураи Нур, ояти: 51-52).

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿وَمَا كَانَ لِمُؤۡمِنٖ وَلَا مُؤۡمِنَةٍ إِذَا قَضَى ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥٓ أَمۡرًا أَن يَكُونَ لَهُمُ ٱلۡخِيَرَةُ مِنۡ أَمۡرِهِمۡۗ وَمَن يَعۡصِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَقَدۡ
ضَلَّ ضَلَٰلٗا مُّبِينٗا ٣٦﴾ الأحزاب: ٣٦

**"Ва ҳеҷ марди мӯъмин ва зани мӯъминро шоиста нест, ҳангоме ки Аллоҳ ва паёмбараш кореро ҳукм кунад, ин ки онҳоро дар он ихтиёре бошад ва ҳар кас Аллоҳ ва расулашро нофармонӣ кунад, албатта дар гумроҳии ошкоре афтодааст"**. (Сураи Аҳзоб, ояти: 36).

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا۟ فِىٓ أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا۟ تَسْلِيمًا ﴿٦٥﴾ ﴾ النساء: ٦٥

**"Не, савганд ба Парвардигорат ки онҳо имон намеоранд, магар ин ки дар ихтилофҳои худ туро довар қарор диҳанд ва сипас аз доварии ту дар дили худ эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд"**. (Сураи Нисо, ояти: 65).

Ҳаргоҳ маълум шуд, ки роҳи мӯъминон дар вақти ихтилоф бозгаштан ба сӯи китоби Аллоҳ ва суннати расулаш ﷺ ва шунидан ва итоат кардан аз ҳар ду аст ва ҳеҷ ихтиёр дар ғайри ин ду нест ва ин ки имон дуруст намегардад, магар ба ҳамин кор, бо дилтангӣ накардан ва комилан таслим шудан, пас бояд донист ки берун шудан аз ин роҳ сабаби он чизе мешавад, ки Аллоҳ таъоло дар бораи он фармудааст:

﴿ وَمَن يُشَاقِقِ ٱلرَّسُولَ مِنۢ بَعْدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُ ٱلْهُدَىٰ وَيَتَّبِعْ غَيْرَ سَبِيلِ ٱلْمُؤْمِنِينَ نُوَلِّهِۦ مَا تَوَلَّىٰ وَنُصْلِهِۦ جَهَنَّمَ وَسَآءَتْ مَصِيرًا ﴿١١٥﴾ ﴾ النساء: ١١٥

**"Ва касе ки пас аз он ки ҳидоят барояш равшан шуд, бо паёмбар мухолифат кунад ва аз роҳе ҷуз роҳи мӯъминон пайравӣ кунад, Мо ӯро ба он чи пайравӣ карда вогузорем ва ӯро дохили ҷаҳаннам хоҳем кард ва чӣ ҷойгоҳи баде аст"**. (Сураи Нисо, ояти: 115).

Бинобар ин касе ки дар ин мавзӯъ андеша кунад, мавзӯи улуви (баландии) Аллоҳ таъоло ба зоташ бар болои халқаш, пас аз гардонидани он ба сӯи Китоб ва суннат, барояш маълум мешавад, ки Китоб ва суннат ҳар ду сароҳатан бо ҳамаи вуҷуҳ ва бо иборaҳои мухталиф далолат бар улув ва баландии Аллоҳ таъоло ба зоташ бар болои ҳамаи махлуқоташ кардаанд, аз ҷумлаи он:

1-Равшан баён кардан, ки Аллоҳ таъоло дар осмон аст, монанди фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ أَمۡ أَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يُرۡسِلَ عَلَيۡكُمۡ حَاصِبٗاۖ فَسَتَعۡلَمُونَ كَيۡفَ نَذِيرِ ١٧ ﴾ الملك: ١٧

"**Оё худро аз касе ки дар осмон аст дар амон медонед, ки тундбоде ҳамроҳ бо сангреза бар шумо фиристад, пас ба зудӣ хоҳед донист, ки ҳушдори Ман чигуна аст?!**". (Сураи Мулк, ояти: 17).

Ва фармудаи Паёмбар ﷺ дар руқияи бемор: "**Парвардигори мо, Аллоҳе аст, ки дар осмон аст**" то охири ҳадис. Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст [1].

Ва фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Қасам ба зоте ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ҳеҷ марде нест, ки ҳамсарашро ба бистараш талаб кунад ва зан худдорӣ кунад, магар ин ки Зоте ки дар осмон аст бар он зан хашмгин бувад, то замоне ки шавҳараш аз он розӣ шавад**". Ривояти Муслим [2].

2-Фавқият ва баландии Аллоҳ таъолоро равшан баён кардан, монанди фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ وَهُوَ ٱلۡقَاهِرُ فَوۡقَ عِبَادِهِۦ ﴾ الأنعام: ١٨

"**Ва Ӯ болои бандагони худ ғолиб аст**". (Сураи Анъом, ояти: 18).

Ва фармудаи Аллоҳ:

﴿ يَخَافُونَ رَبَّهُم مِّن فَوۡقِهِمۡ ﴾ النحل: ٥٠

"(Малоикаҳо) **аз Парвардигори худ, ки бар болояшон аст метарсанд**". (Сураи Наҳл, ояти: 50).

Ва фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Ба ростӣ Аллоҳ замоне ки махлуқотро офарид, назди Худ болои Арш навишт: Раҳмати Ман бар ғазабам сабқат намудааст**". Ривояти Бухорӣ [3].

3-Равшан баён кардан, ки чизҳое ба сӯи Аллоҳ боло меравaнд ва аз назди Ӯ поён меоянд, ва боло рафтан намебошад, магар ба сӯи боло ва поён омадан намебошад, магар аз боло, монанди фармудаи Аллоҳ таъоло:

---

[1] Тахриҷи ин ҳадис гузашт.

[2] Ривояти Бухорӣ, китоби ибтидои офариниш, боби агар яке аз шумо омин бигӯяд ва малоикаҳо дар осмон омин гӯянд (3237) ва Муслим, китоби никоҳ, боби ҳаром будани худдорӣ зан аз бистари шавҳараш (1436) ва ин лафзи Муслим аст.

[3] Ривояти Бухорӣ, китоби оғози офариниш, боби он чи дар фармудаи Аллоҳ таъоло омадааст: "**Ва Ӯст, ки офариниширо оғоз мекунад, сипас онро боз мегардонад**", (3194) ва Муслим, китоби тавба, боби васеъ будани раҳмати Аллоҳ таъоло ва ин ки раҳматаш бар ғазабаш сабқат кардааст (2751).

﴿إِلَيۡهِ يَصۡعَدُ ٱلۡكَلِمُ ٱلطَّيِّبُ وَٱلۡعَمَلُ ٱلصَّٰلِحُ يَرۡفَعُهُۥ﴾ فاطر: ١٠

"**Ба сӯи Ӯ суханони хуб боло меравад ва Ӯ амали некро баланд мебарад**". (Сураи Фотир, ояти: 10).

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿تَعۡرُجُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ إِلَيۡهِ﴾ المعارج: ٤

"**Малоикаҳо ва Рӯҳ (Ҷибраил) ба сӯи Аллоҳ боло меравand**". (Сураи Маъориҷ, ояти: 4).

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ إِلَى ٱلۡأَرۡضِ ثُمَّ يَعۡرُجُ إِلَيۡهِ﴾ السجدة: ٥

"**Корро аз осмон то замин идора мекунад, сипас ба сӯи Ӯ боло меравад**". (Сураи Саҷда, ояти: 5).

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло дар бораи Қуръони карим:

﴿لَّا يَأۡتِيهِ ٱلۡبَٰطِلُ مِنۢ بَيۡنِ يَدَيۡهِ وَلَا مِنۡ خَلۡفِهِۦۖ تَنزِيلٞ مِّنۡ حَكِيمٍ حَمِيدٖ ٤٢﴾ فصلت: ٤٢

"**Ҳеҷ гуна ботиле на аз пеши рӯи он ва на аз пушти сари он ба он роҳ намеёбад, аз сӯи Ҳакими ситудашуда нозил шуда аст**". (Сураи Фуссилат, ояти: 42).

Ва Қуръон сухани Аллоҳ таъолост, ҳамчуноне ки Аллоҳ субҳонаҳу фармудааст:

﴿وَإِنۡ أَحَدٞ مِّنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ ٱسۡتَجَارَكَ فَأَجِرۡهُ حَتَّىٰ يَسۡمَعَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ﴾ التوبة: ٦

"**Ва агар яке аз мушрикон аз ту паноҳ хост, пас ба ӯ паноҳ бидеҳ, то сухани Аллоҳро бишнавад**". (Сураи Тавба, ояти: 6).

Пас вақте ки Қуръони карим сухани Аллоҳ ва нозил кардаи Ӯ бошад, ин худ бар улув ва баландии зоти Ӯ таъоло далолат мекунад. Ва фармудаи Паёмбар ﷺ: "**Парвардигори мо, замоне ки сеяки охири шаб боқӣ мемонад, ба осмони дунё нозил мешавад, пас мегӯяд: Кӣ Маро дуъо мекунад...**" то охири ҳадис ва ин ҳадиси саҳеҳ аст, ки дар Бухорӣ ва Муслим ва ғайраш собит шудааст [4].

Ва дар ҳадиси Баро ибни Озиб ؓ омадааст, ки Паёмбар ﷺ ба вай дуъоеро, ки дар ҳангоми ҷой гирифтан дар бистари худ гуфта мешавад, омӯхт ва аз ҷумлаи он ин аст: "**Ба китобат, ки Ту**

[4] Саҳеҳи Бухорӣ, китоби таҳаҷҷуд, боби дуъо ва намоз дар охири шаб (1145) ва Саҳеҳи Муслим, китоби салот, боби тарғиб дар дуъо ва зикр дар охири шаб (758).

**онро нозил кардаӣ ва ба паёмбарат, ки Ту ӯро фиристодаӣ имон овардам**". Ин ҳадис дар Бухорӣ ва ғайраш ворид шудааст [5].

4-Ба васф намудани Аллоҳ таъоло ба улув ва баландӣ равшан баён кардан, ҳамчуноне ки дар фармудаи Ӯ таъолост:

﴿سَبِّحِ ٱسۡمَ رَبِّكَ ٱلۡأَعۡلَى ١﴾ الأعلى: ١

"**Номи Парвардигоратро, ки баландтар аст ба покӣ ёд кун**". (Сураи Аъло, ояти: 1).

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥﴾ البقرة: ٢٥٥

"**Ва ҳифзи он ду (замину осмон) бар Ӯ гарон ва душвор наояд ва Ӯ бисёр баланд ва бузург аст**". (Сураи Бақара, ояти: 255).

Ва фармудаи Паёмбар ﷺ**:** "**Парвардигори олитари ман пок аст**"[6].

5-Ишора кардани Паёмбар ﷺ тарафи осмон ҳангоме ки Аллоҳ таъолоро дар мақоми Арафа шоҳид қарор медод, он мақоми бузурге ки Расулуллоҳ ﷺ бузургтарин ҷамъомадӣ аз уммати худро дар он ҷо мушоҳида намуданд, замоне ки ба онҳо фармуд: "**Оё ман рисолатро расонидам?**".

Мардум гуфтанд: Оре.

Фармуд: "**Эй Аллоҳ шоҳид бош**". Дар ин вақт ангушти худро тарафи осмон баланд намуда боз тарафи мардум поён мекард. Ин воқеъа дар Саҳеҳи Муслим аз ҳадиси Ҷобир ؓ собит аст [7].

Далолати ин ҳадис возеҳ аст бар ин ки Аллоҳ таъоло дар осмон аст, вагарна баланд кардани Ӯ ангушташонро ба сӯи осмон кори беҳуда мебуд.

6-Саволи Паёмбар ﷺ зани канизро, онгоҳ ки аз ӯ пурсид: "**Аллоҳ дар куҷост?**". Гуфт: Дар осмон. Фармуд: "**Ӯро озод кун,чун вай зани мӯъмин аст**". Муслим зимни як ҳадиси тулонӣ аз Муовия ибни Ҳаками Суламӣ ؓ ривоят карда аст [8].

---

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, китоби дуъоҳо, боби ҳангоми хоб чӣ мегӯяд (6313) ва Саҳеҳи Муслим, китоби зикр ва дуъо, боби ҳангоми хоб ва гирифтани ҷои хоб чӣ мегӯяд (2710).

[6] Сунани Абӯдовуд, китоби салот, боби он чи мард дар рукӯъ ва саҷдааш мегӯяд (871) ва Сунани Тирмизӣ, китоби салот, боби он чи дар тасбеҳи рукӯъ ва саҷда омадааст (262) ва Сунани Насоӣ, китоби салот, боби паноҳ бурдани хонанда...(1007).

[7] Саҳеҳи Муслим, китоби ҳаҷ, боби ҳаҷҷи Паёмбар ﷺ (1218).

[8] Саҳеҳи Муслим, китоби масоҷид, боби ҳаром будани сухан дар намоз (537).

Ин ҳадис дар исботи улуви зот барои Аллоҳ таъоло сареҳ ва равшан аст, зеро калимаи "**куҷо**" барои пурсиш дар бораи ҷой истифода мешавад ва албатта Паёмбар ﷺ ҳангоме ки ин занро пурсид, ки Аллоҳ дар куҷост? Вайро дар посухаш гуфт: Дар осмон аст, иқрор намуд ва посухи вайро қабул кард ва баён намуд, ки ингуна бовар муқтазои имон аст, онгоҳ ки фармуд: "**Озодаш кун, чун ӯ зани мӯъмин аст**". Пас банда имон намеорад, то ки иқрор ва эътиқод кунад, ки Аллоҳ таъоло дар осмон аст.

Пас ин анвоъе аз далелҳои самъии хабарӣ аз китоби Аллоҳ таъоло ва суннати Расулаш ﷺ буд, ки бар улув ва баландии Аллоҳ таъоло ба зоташ бар болои халқаш далолат мекунад. Аммо як-як далелҳо дар ин маврид бисёр аст, дар ин ҷо номбар кардани онҳо имкон надорад ва албатта салафи солиҳ, ризои Аллоҳ бар онон бод, бар эътиқод ва амал ба муқтазои ин далелҳо иҷмоъ доранд ва барои Аллоҳ таъоло улувви зотиро собит намудаанд, ба ин маъно ки Аллоҳ таъоло ба зоти худ бар баландӣ буда ва болои махлуқоташ қарор дорад, чунон ки онҳо ба исботи улувви маънавӣ ки ҳамоно улувви сифот аст, иҷмоъ намудаанд, Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿وَلَهُ ٱلۡمَثَلُ ٱلۡأَعۡلَىٰ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ٢٧﴾ الروم: ٢٧

"**Ва васфи бартар дар осмонҳо ва замин барои Ӯст ва Ӯ пирӯзманди ҳаким аст**". (Сураи Рум, ояти: 27).

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَا﴾ الأعراف: ١٨٠

"**Ва Аллоҳ дорои зеботарин номҳо аст, пас Ӯро ба он номҳо дуъо кунед**". (Сураи Аъроф, ояти: 180).

Ва Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿فَلَا تَضۡرِبُواْ لِلَّهِ ٱلۡأَمۡثَالَۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ وَأَنتُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ ٧٤﴾ النحل: ٧٤

"**Пас барои Аллоҳ масалҳо назанед, ҳамоно Аллоҳ медонад ва шумо намедонед**". (Сураи Наҳл, ояти: 74).

Ва Аллоҳ фармудааст:

﴿فَلَا تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادٗا وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٢٢﴾ البقرة: ٢٢

"**Пас барои Аллоҳ ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки худ медонед** (ки ҳеҷ кас ҳамтои Ӯ шуда наметавонад)". (Сураи Бақара, ояти: 22), то дигар оятҳое, ки далолат бар камоли Ӯ таъоло дар зот, сифатҳо ва амалҳояш мекунад.

Чунон ки бар улувви зоти Аллоҳ таъоло далелҳои Қур-ъон, суннат ва иҷмоъи салаф далолат дорад, ақл ва фитрат ҳам бар он далолат кардааст.

Аммо далолати ақл: Пас гуфта мешавад: Шакке нест, ки улув ва баландӣ сифати камол аст ва ин ки зидди он сифати нақсу норасоӣ аст ва сифатҳои камол барои Аллоҳ таъоло собит шуда аст. Пас субути сифати улув ва баландӣ барои Ӯ таъоло воҷиб ва лозим аст ва ҳеҷ нақсе бар исботи он лозим намеояд, чун мо мегӯем: Улув ва баландии Аллоҳ таъоло тақозои инро надорад, ки чизе аз махлуқоташ Ӯро иҳота намуда ва дар бар мегирад ва касе бовар ва гумон дошта бошад, ки исботи улув барои Аллоҳ таъоло сабабгори чунин чизе мешавад, ӯ албатта дар гумони худ иштибоҳ ва хато намуда ва дар ақли худ гумроҳ шудааст.

Ва аммо далолати фитрат бар улувви зоти Аллоҳ таъоло: Пас ин аст, ки ҳар дуъокунанда, чӣ дуъои ибодат бошад ё дуъои масъалат, дар вақти дуъо кардан қалбаш ба ҳеҷ ҷиҳат мутваҷҷеҳ намешавад, магар ба ҷиҳати осмон, аз ин ҷо ӯро дармеёбӣ, ки ба муқтазои фитрати худ дастони худро тарафи осмон баланд мекунад, чунон ки ин ҳақиқатро он шахси "Ҳамадонӣ" ба "Абӯмаъолии Ҷувайнӣ" арз намуд ва гуфт: "Ҳеҷ орифе ҳаргиз эй Парвардигор, намегӯяд, магар ки аз қалби худ эҳсоси дархости улув ва баландӣ мекунад". Ҷувайнӣ чун ин сухан шунид бар сари худ шаппотӣ зада мегуфт: "Ҳамадонӣ маро дар ҳайрат андохт, Ҳамадонӣ маро дар ҳайрат андохт". Ин воқеа аз вай ҳаминтавр нақл шудааст, оё дуруст аст ё дуруст нест, чун ҳар кас ин эҳсосро дарк мекунад.

Ва дар Саҳеҳи Муслим аз ҳадиси Абӯҳурайра ﷺ ривоят шуда аст, ки Паёмбар ﷺ мардеро ёд намуд, ки дастони худро тарафи осмон баланд намуда мегӯяд: "Эй Раб, эй Раб...", то охири ҳадис. Боз ту ҳам мардеро дармеёбӣ, ки намоз мехонад ва қалбаш ба сӯи осмон рӯй овардааст, хоссатан дар ҳангоме ки саҷда мекунад ва мегӯяд: "Субҳона рабби-ялаъло", "пок ва муназзаҳ аст Парвар-

дигори баланд ва болои ман". Чун медонад, ки маъбудаш субҳонаҳу ва таъоло дар осмон аст.

Аммо гуфтаи онҳо ки: "Аллоҳ таъоло аз ҷиҳатҳои шашгона холӣ аст", пас ин қавл бар сурати умум ботил аст, зеро он тақозокунандаи ботил кардани чизе аст, ки онро Аллоҳ таъоло барои нафси худ собит намудааст ва онро низ барои Ӯ олимтарин халқаш ба Ӯ ва касе ки Ӯро аз ҳама бештар таъзим мекард, ки ҳамоно паёмбараш Муҳаммад ﷺ аст, собит кардааст ва он иборат аз ин аст ки Аллоҳ таъоло дар осмон аст, ки дар ҷиҳати улув (боло) қарор дорад, балки инкори он боиси ин мешавад, ки Аллоҳ таъолоро ба адам (нестӣ) васф карда шавад, зеро ҷиҳатҳои шашгона иборатанд аз боло, поён, рост, чап, пушт ва пеш ва ҳеҷ чизи мавҷуде нест, магар ин ки нисбат додани яке аз ин ҷиҳатҳо ба ӯ тааллуқ мегирад ва ин як амри маълуме аст, ки ба ақл дониста мешавад. Пас вақте ки ҳамаи ин ҷиҳатҳоро аз Аллоҳ таъоло нафй кунӣ лозим меояд, ки Ӯ таъоло мавҷуд набошад ва зеҳни инсон агарчи гоҳ мавҷудеро фарз метавон кард, ки холӣ аз тааллуқ гирифтан нисбат ба ин ҷиҳатҳо бошад, лекин боз ҳам ин чизе аст, ки зеҳн онро фарз мекунад, аммо дар хориҷи зеҳн ёфт намешавад.

Ва мо имон дорем ва низ бар ҳар фарде ки ба Аллоҳ имон дорад инро лозим медонем, ки ба улув ва баландии Ӯ таъоло бар болои махлуқоташ имон дошта бошад, чунончи Қуръон, суннат ва иҷмоъи салаф ва ҳатто ақл ва фитрат бар он далолат доранд, қисме ки қаблан ин масъаларо тавзеҳ дода ва собит намудем, лекин мо бо он ҳам имон дорем, ки Аллоҳ таъоло ба ҳар чизе муҳит (фарогиранда) аст ва ин ки ҳеҷ як аз махлуқоташ Ӯро иҳота карда наметавонад ва ин ки Ӯ таъоло аз ҳамаи махлуқоташ бениёз аст, пас ба ягон махлуқаш ниёз надорад.

Боз раъй ва назари мо ин аст, ки барои ҳеҷ мӯъмине ҷоиз нест, ки аз он чи Қуръон ва суннат бар он далолат мекунад, ба хотири сухани касе аз мардум, ҳар кас ва бар ҳар мартаба ва манзалате, ки бошад, берун наравад.

Ва аммо гуфтаи онон, ки: "Аллоҳ дар қалби мӯъмин аст", пас бар ин қавл, то ҷое ки мо медонем, ҳеҷ далеле аз китоби Аллоҳ таъоло ва суннати Расулаш ﷺ ва на ҳам сухане аз салафи солиҳ бар он вуҷуд надорад ва ин қавл низ бар ингуна итлоқаш ботил

аст, зеро агар мақсад ин бошад, ки Аллоҳ таъоло дар қалби банда ҳулул карда (ба зоти худ даромада) аст, пас ин қатъан ботил аст, чун Аллоҳ таъоло азимтар ва бузургтар аз он аст. Ва аз чизҳои тааҷҷубовар ва чизҳои тааҷҷубовар бисёр зиёд аст, ин аст, ки: Шахсе аз чизе нафрат кунад, ки Қуръон ва суннат ба он далолат карда аст, ки он ҳамоно будани Аллоҳ таъоло дар осмон аст ва боз итминон ба чизе кунад, ки Қуръон ва суннат ба он далолат накардааст ва он иборат аз заъм ва пиндори вай, ки Аллоҳ таъоло дар қалби мӯъмин аст, чун дар Қуръон ва суннат як ҳарфе нест, ки бар он далолат кунад.

Аммо агар мақсад аз ин ҷумла ки "Аллоҳ дар қалби мӯъмин аст" ин бошад, ки бандаи мӯъмин ҳамеша Парвардигори худро ёд мекунад, пас ин маъно ҳақ ва дуруст аст, лекин бояд онро ба иборате гуфта шавад, ки бар ҳақиқаташ далолат кунад ва аз он далолат ва фаҳми ботил нафй гардад, масалан гуфта шавад: Зикри Аллоҳ ҳамеша дар қалби бандаи мӯъмин аст.

Ва лекин он чи зоҳир мешавад аз сухани касе ки ин ибораро бар забонаш меорад, ин аст ки ӯ мехоҳад ин ибораро дар ивази будани Аллоҳ таъоло дар осмон ба кор барад, пас ин ибора ба ин маъно, қисме ки гузашт, ботил аст.

Бинобар ин, бояд бандаи мӯъмин боҳазар бошад аз инкори он чи китоби Аллоҳ ва суннати Расулаш ﷺ ба он далолат доранд ва салаф ﷺ бар он иҷмоъ кардаанд, набояд онро гузошта ва ба ибораҳое рӯй орад, ки муҷмал, пӯшида ва дур аз фаҳманд, ки ҳам эҳтимоли маънои ҳақро доранд ва ҳам маънои ботилро ва бояд роҳи пешиниёни аввалин аз муҳоҷирон ва ансорро чанг зада ва маҳкам гирад, то дар ин фармудаи Аллоҳ таъоло дохил гардад:

﴿ وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحْسَٰنٍ رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟ عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى تَحْتَهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾ ﴾ التوبة: ١٠٠

**"Аз он гурӯҳи нахустин аз муҳоҷирон ва аҳли Мадина, ки пешқадам шуданд ва онон, ки ба хотири Аллоҳ ба некӣ аз онон пайравӣ карданд (дар эътиқод, гуфтор ва амалҳояшон), Аллоҳ хушнуд аст ва онҳо низ аз Аллоҳ хушнуданд. Аллоҳ барояшон биҳиштҳоеро омода кардааст, ки дар онҳо**

**дарёҳо ҷорист ва ҳамеша дар он ҷо хоҳанд буд. Ин аст комёбии бузург**". (Сураи Тавба, ояти: 100).

Аллоҳ мо ва шуморо дар зумраи онҳо қарор диҳад ва аз ҷониби Худ барои мо раҳмате арзонӣ кунад, зеро Ӯ таъоло бисёр бахшанда аст.

❁ ❁ ❁

**Саволи 33: Оё тафсир кардани истивои Аллоҳ азза ва ҷалла бар ин ки Ӯ таъоло бар Арши худ ба гунае ки лоиқи бузургии Ӯст, баланд шудааст, ҳамон тафсири салафи солиҳ аст?**

**Ҷавоб**: Тафсири истивои Аллоҳ таъоло бар Арши худ ба маънои улув ва баландии Ӯ таъоло бар Арши худ, бар гунае ки лоиқи бузургии Ӯст, ҳамоно тафсири салафи солиҳ ﷺ аст.

Ибни Ҷарир имоми муфассирон раҳимаҳуллоҳ дар таф-сири худ гуфтааст: "Аз ҷумлаи маъниҳои истиво улув (баланд шудан) ва иртифоъ (боло рафтан) аст, монанди гуфтаи гӯянда: Иставо фулонун ало саририҳ, яъне фалон шахс болои тахти худ баланд шуд". Ва дар тафсири фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ ٱلرَّحْمَٰنُ عَلَى ٱلْعَرْشِ ٱسْتَوَىٰ ۝٥ ﴾ طه: ٥ "**Аллоҳи Раҳмон бар арши худ баланд шудааст**" гуфтааст: "Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд: Раҳмон бар арши худ баланд ва боло шудааст". Суханаш тамом шуд.

Ва аз салаф ҳам бар хилофи он чизе нақл нашудааст.

Ва баёни он чунин аст, ки калимаи истиво дар луғат бар чанд ваҷҳ истеъмол мешавад:

**Аввал**: Мутлақ буда ва муқайяд набошад, пас дар ин сурат маънои он ба камол расидан аст, мисли фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ وَلَمَّا بَلَغَ أَشُدَّهُۥ وَٱسْتَوَىٰٓ ﴾ القصص: ١٤ "**Ва чун (Мусо) ба камол расид ва баруманд шуд**". (Сураи Қасас, ояти: 14).

**Дуввум**: Якҷо бо ҳарфи вов бошад, пас дар ин сурат ба маънои баробарӣ мебошад, монанди гуфтаи араб: Иставал моъу валъатаба "об бо остонаи дар баробар шуд".

**Сеюм**: Бо ҳарфи "ило" якҷо бошад, пас дар ин сурат ба маънои қасд кардан аст, мисли фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰٓ إِلَى ٱلسَّمَآءِ ﴾ البقرة: ٢٩ "**Сипас ба тарафи осмон қасд кард**". (Сураи Бақара, ояти: 29).

**Чаҳорум**: Бо ҳарфи "ало" якҷо бошад, пас дар ин сурат ба маънои улув ва иртифоъ (баланд шудан ва боло рафтан) аст, монанди фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ٱسۡتَوَىٰ ۝٥ ﴾ طه: ٥ "**Аллоҳи Раҳмон бар арши худ баланд шудааст**". (Сураи Тоҳо, ояти: 5).

Баъзе аз салаф бар ин назар аст, ки калимаи "истиво", ки бо ҳарфи "ило" якҷо аст, монанди истивое аст, ки бо ҳарфи "ало" якҷо аст, бинобар ин маънои он низ "иртифоъ ва улув" (боло рафтан ва баланд шудан) аст.

Ҳамчунон баъзе аз онон бар ин назаранд, ки истивое, ки бо ҳарфи "ало" якҷост, ба маънои суъуд (баланд шудан) ва истиқрор (қарор гирифтан) аст, дар сурате ки якҷо бо ҳарфи "ало" бошад.

Ва аммо тафсири он ба маънои "ҷулус" (нишастан) пас Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ дар китоби худ "Ассавоъиқул мурсала" (4/1303) аз Хориҷа ибни Мусъаб дар мавриди фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ٱسۡتَوَىٰ ۝٥ ﴾ "**Аллоҳи Раҳмон бар арши худ баланд шудааст**". (Сураи Тоҳо, ояти: 5) нақл намудааст, ки гуфт: Оё истиво ҷуз нишастан чизи дигаре аст?!". Нақл тамом шуд.

Ва албатта нишастан (бар Арш) дар ҳадисе ворид шуда аст, ки онро имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ба таври марфӯъ ривоят кардааст. Ва Аллоҳ донотар аст.

❁ ❁ ❁

**Саволи 34: Ҷаноби Шайх, Аллоҳ шуморо нигаҳ дорад, дар мавриди истивои Аллоҳ бар арши худ гуфтаед, ки он улувви хос бар Арш аст, ки лоиқи бузургӣ ва азамати Ӯ таъолост. Мо аз шумо умедворем, ки инро бештар баён ва шарҳ медиҳед?**

**Ҷавоб**: Сухани мо дар бораи истивои Аллоҳ таъоло бар Арши худ, ки он улувви хос бар Арш аст, ки шоёни бузургӣ ва азамати Ӯ таъолост, муродамон ин аст, ки истивои Аллоҳ таъоло як навъи улув ва баланд шудани (хоссе) аст, ки тааллуқ ба Арш

дорад ва он ҳамон улувви ом ва шомил бар ҳамаи махлуқот нест, аз ин ҷиҳат дуруст нест, ки бигӯем: "Иставо алал махлуқот, ав алас само, ав алаларз" (бар махлуқот баланд шуд, ё бар осмон, ё бар замин) бо ин ки Ӯ таъоло бар ҳамаи он баланд ва боло аст, балки мегӯем: "Ҳува олин ала ҷамиъил махлуқот, олин алас само, олин алаларз...", (Ӯ таъоло бар болои ҳамаи махлуқот баланд аст, бар осмон олӣ аст, бар замин олӣ ва баланд аст...). Ва амсоли он ва аммо дар мавриди Арш метавонем, гуфт: Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ олӣ аст бар Арши худ ва муставӣ (баланд ва барқарор) аст бар Арши худ, пас истиво аз мутлақи улув хостар аст, аз ин ҷо аст, ки истивои Аллоҳ таъоло бар Арши худ аз сифатҳои феълии Ӯст, ки тааллуқ ба машийят ва хостаи Ӯ дорад, бар хилофи улув ва баландии Ӯ, ки он аз сифатҳои зотии Ӯст, ки аз Ӯ ҷудо шуда наметавонад.

Ва албатта Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ дар шарҳи ҳадиси нузул (5/522, Маҷмӯъ-ул-фатово аз ҷамъоварии Ибни Қосим) ба монанди гуфтаи мо тасреҳ намудааст ва гуфта аст: "Пас агар гуфта шавад, ки агар Аллоҳ таъоло бар Арш муставӣ нашуда бошад, магар баъд аз офаридани осмонҳо ва замин дар муддати шаш рӯз, пас Ӯ пеш аз он бар Арш набудааст? Гуфта мешавад: Истиво улув ва баланд шудани хоссе аст. бинобар ин ҳар муставӣ бар як чизе болои он улув дорад, магар ҳар олӣ болои чизе бар он муставӣ нест, аз ин ҷо барои ҳар чизе ки бар ғайраш олӣ ва баланд шудааст, гуфта намешавад, ки ӯ бар он муставӣ аст, ё бар он истиво намудааст, валекин ҳар чизе ки дар мавриди ӯ гуфта шуда ки бар ғайраш истиво намуда, ҳатман болои он олӣ (баланд шуда) аст ", то ин ҷо мақсади мо аз сухани Шайхи Ислом ба поён расида ва боқимондаи он дар он ҷо аст, ки ҳавола додааем.

Ва аммо гуфтаи мо, ки "бар гунае ки шоёни бузургӣ ва азамати Ӯст", пас муроди мо ин аст, ки истивои Аллоҳ таъоло бар Арши худ монанди дигар сифатҳои Ӯ лоиқ ба ҷалол ва азамати Ӯ таъолост ва ҳаргиз ҳамонанди истивои махлуқот нест, пас ин гуфтаи мо роҷеъ ба ҳамон чигунагӣ ва кайфияте аст, ки ин истиво бар он қарор дорад, зеро сифатҳо тобеъи мавсуф аст, пас қисме ки Аллоҳ таъоло дорои зот аст, ки бо дигар зотҳо шабоҳат надорад, ҳамчунон сифатҳои Ӯ таъоло ҳамонанди бо дигар сифатҳо нест

﴿لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١﴾ الشورى: ١١ **"Монанди Ӯ чизе нест ва Ӯ шунавову биност**". (Сураи Шуро, ояти: 11). Яъне ҳамонанди Ӯ чизе на дар зоташ ва дар сифатҳояш аст. Ба ҳамин хотир вақте ки имом Молик раҳимаҳуллоҳ дар бораи "истиво" пурсида шуд, ки чигуна истиво намудааст?. Гуфт: "Истиво номаълум нест ва кайфият ва чигунагии он маъқул нест ва имон овардан ба он воҷиб аст ва пурсидан аз (чигунагии) он бидъат аст". Ва ин сухан як мизоне аст барои тамоми сифатҳо, пас ҳамаи он си-фатҳо барои Аллоҳ таъоло собит аст, қисме ки онро барои худ собит намудааст, бар гунае, ки лоиқи зоти Ӯ таъоло аст, бе таҳриф ё таътил ва бе кайфият ё ҳамонандкунӣ.

Ба ин баён, фоидаи ин қавл, ки "истиво бар Арш" улув ва баланд шудани хоссе аст бар Арш ва мухтас бар он аст, маълум мешавад, чун улувви ом барои Аллоҳ азза ва ҷалла пеш аз офаридани осмонҳо ва замин собит аст ва дар ҳангоми офаридани онҳо ва баъд аз офаридани онҳо, зеро он аз сифатҳои зотӣ ва лозимии Аллоҳ таъоло аст, монанди сифатҳои самъ (шунавоӣ), басар (биноӣ), қудрат, қувват ва амсоли он, бар акси истиво (ки сифати зотӣ нест, балки сифати феълӣ аст) [9].

❁ ❁ ❁

[9] Фатово аркон-ил-Ислом аз они Ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ.